«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор Хушвахтзода Қ.Х.
_______________
«23» ______________ 2022 с.

# НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ №4

**ҷаласаи васеъи якҷояи кафедраи менеҷмент ва маркетинг ва кафедраи иқтисодиёт ва идораи КАС-и Донишгоҳи милии Тоҷикистон**

аз "22" ноябри соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок карданд:**

**Раисикунанда: Мухсинов Д.С. -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ

**Аъзоён:** Бобосодиқова Г. Б. - д.и.и., профессор, Исайнов Ҳ.Р. – д.и.и., профессор, декани факултети иқтисод ва идора, Тағоев Ҷ.Ҳ. - н.и.и., дотсент, муд. кафедра; Тағоев Б. – д.и.и., дотсент, Абдуллоева Ш. - н.и.и., дотсент, Файзуллоев Т. – н.и.и., дотсент, Фаррухи Р. – н.и.и., дотсент, Шарипова Х.Р. - н.и.и., муаллими калон; Авзалов Х.А. - муаллими калон, Каримов М.И. – муаллими калон, Дустов Б. – муаллими калон, Файзуллоев Б. – ассистент, Бахтиёри Р. – ассистент, Махкамов Ф.– ассистент, Зоҳири Точиддин – муаллими калон, Қурбонов А. – ассистент, Бахтиёри И. - ассистент.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи милии Тоҷикистон Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.03. –** Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Қурбонов Маҳмадалӣ Раҳматович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент.

Бояд ёдовар шуд, ки диссертатсияи Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05. – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақавӣ) дар Шӯрои дессертатсионӣ 6D.KOA-051 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон санаи 12.02.2021 ҳимоя шуда буд.

Бинобар риоя нагардидани банди 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505) аз 05.03.2021, №147/ди додани дараҷаи илмӣ рад гардида, ҳимояи такрории он пас аз 1 сол муқаррар гардида буд. Бинобар ба итмом расидани муҳлати муқарраргардида

довталаб Бобошерзода Н.Қ. барои такроран ҳимоя намудани диссертатсия ба Шӯрои дессертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муроҷиат намуд.

**Шунида шуд:** Суханронии Бобошерзода Нозанин Қаракул дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ. Пас аз шунидани маъруза бо мазмуни кӯтоҳ (асосӣ) ба унвонҷӯ аз тарафи шахсони зерин саволҳо дода шуданд:

1. Профессори кафедраи «Менеҷмент ва маркетинг» ДМТ Исайнов Ҳ.Р.
2. Декани факултети «Иқтисод ва идора»-и ДМТ, профессор Бобосодиқова Ғ.Б.
3. Дотсенти кафедраи «Иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ» -и ДМТ Фаррухӣ Р.
4. Мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ДМТ, дотсент Раҳмонов Ҷ.Р.
5. Н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ Абдуллоева Ш.
6. Н.и.и., муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ Шарипова Х.Р.
7. Мудири кафедраи иқтисодиёт ва идораи КАС-и ДМТ дотсент Тағоев Ҷ.Ҳ.
8. Муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДМТ Авзалов Х.А.

Ба саволҳои додашуда унвонҷӯ ҷавобҳои мукаммал доданд.

Дар муҳокимаи рисолаи номзадии Бобошерзода Нозанин Қаракул инҳо иштирок карданд: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобосодиқова Г.Б., дотсент Тағоев Ҷ.Ҳ., н.и.и., дотсент Раҳмонов Ҷ.Р., н.и.и., дотсент Абдуллоева Ш.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳимияти мавзӯи таҳқиқотро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзӯи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Бобошерзода Нозанин Қаракул муҳаққиқи ҷавони кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи чандин таълифоти илмӣ, иштирокчии як қатор конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии дохилидонишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мебошад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқоти анҷомшуда аз он иборат аст, ки мустақиман барои беҳтар сохтани муносибатҳои иқтисодӣ байни корхонаҳои соҳаҳои гуногуни комплекси агросаноатии вилояти Хатлон аз рӯйи принсипҳои ҳамгироии агросаноатӣ равона карда шудааст. Иҷрои пешниҳодҳо дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки самаранокии хоҷагии қишлоқ ва ҳам корхонаҳои бахшҳои дигари комплекси агросаноатӣ баланд

бардошта шавад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои рафъи бӯҳрон аз соҳа, алалхусус дар мукаммалгардонии сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатии минтақа, мӯътадилӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ истифода карда шаванд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳо оид ба муайян кардани самаранокии истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот бо истифода аз қарордодҳои байниҳамдигар дар доираи ташаккули ҳамгироӣ, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва беҳбудии иҷтимоию иқтисодии аҳолии минтақаҳои деҳоти ҷумҳурӣ мусоидат мекунанд, омода карда шудаанд. Самараи иқтисодии татбиқи тавсияҳои илмӣ ва амалии таҳиянамудаи муаллифи рисола бо ҳадафи онҳо - имконияти татбиқи манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни воҳиду сохторҳои агросаноатӣ бо дарназардошти қонунгузории мавҷуда муайян карда мешавад. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои такмили ҷараёни таълим – дар макотиби олӣ аз чунин фанҳо, ба монанди «Комплекси агросаноатӣ», «Иқтисоди аграрӣ», «Иқтисоди миллӣ», «Кооператсия ва ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзӣ» истифода бурдан мумкин аст.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

- ҷанбаҳои назариявию методологии ташаккули сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатӣ дар сатҳи минтақа ошкор карда шудааст, ки дар натиҷа, имкониятҳои иқтисодии минтақаро аз ҳисоби истеҳсоли маҳсулоти тавлидшаванда васеъ ва дар шакли маҳсулоти тайёр ба бозор пешниҳод менамояд;

– муқаррар гардидани хусусиятҳо, принсипҳо, омилҳо ва дараҷаи самаранокии равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзии минтақа баррасӣ шудааст;

– дар асоси таҳлили вазъи муосири сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ дар вилояти Хатлон равандҳои ҳамгирои афзалиятҳои рақобатпазирӣ ва имкониятҳои иқтисодӣ боназардошти дар амал татбиқ намудани он ошкор карда шудаанд;

– монеа ва мушкилоти равандҳои ҳамгироӣ дар сохторҳои минтақавии агросаноатии вилояти Хатлон муайян ва ошкор гардида, дар доираи шартномаҳои истеҳсолӣ ва ҳамгироии моликият бартараф намудани онҳо шароити иқтисодии корхонаҳои кишоварзии минтақаро беҳтар месозад;

– хусусиятҳо ва равандҳои ҳамгироӣ дар бахши агросаноатии минтақаи Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа муайян карда шуда, афзалият ба инфрасохтори иқтисодӣ ва институтсионалӣ дода шудааст;

– механизми танзими давлатии рушди ҳамкориҳо дар доираи сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ каркард ва мукаммал карда шуда аз ҳисоби таъсири омилҳои гуногун, самаранокии иқтисодии фаъолияти корхонаҳои агросаноатӣ баланд бардошта мешавад;

– модели сохторӣ-функсионалии низоми идоракунии механизми ҳамгироии агросаноатӣ дар сатҳи минтақа пешниҳод карда шудааст, ки он сохти зерсистемаҳои функсионалиро ба амалисозии ҳадафҳо дигаргун сохта, тавсияҳои мушаххасро дар самти беҳтаргардонии вазъи иқтисодию иҷтимоии минтақа инъикос менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти анҷомгардида вобаста ба механизмҳои имконпазири рушди сохторҳои ҳамгироишудаи минтақаҳои агросаноат дар вилояти Хатлон як қатор таҳлилҳо анҷом дода шуда роҳҳои ҳаллӣ мушкилотҳои мавҷуда таҳқиқ ва баррасӣ гардидаанд. Ҳамчунин тарзҳои умумиилмӣ ба монандӣ: муносибати танзимшуда ба объект ва мавзӯи таҳқиқот, мантиқи диалектикӣ, таҳлил ва синтез, муқоиса ва ҷамъбаст, гурӯҳбандӣ, усули хулосаи назариявии илмӣ ва моделсозӣ, ки комилият ва эътимоднокии диссертатсияро таъмин мекунад, истифода гардидааст.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи он**. Паҳлуҳои асосии методологии рисола ва пешниҳодҳо барои татбиқи амалии онҳо дар баромади муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва донишгоҳӣ маърӯза гардида, муҳокима шуда, дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ватанию хориҷӣ ба нашр расидаанд.

Аз рӯи натиҷаи дида баромадани диссертатсия дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.03. –** Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ хулосаҳои зерин қабул карда шуданд:

1. **Баҳодиҳии кори иҷрокардашуда**. Диссертатсия дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.03. –** Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба муаммоҳои мубрами муосири илмӣ-иқтисодӣ бахшида шуда, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, тадқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, хулоса ва пешниҳодҳо асоснок карда шудаанд.

2. **Иштироки шахсии унвонҷӯ ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия матраҳ гардидаанд.** Саҳми муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои кори мазкур дар коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба мукаммалгардонии ташкил ва идоракунии фаъолияти сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба назар мерасад. Муаллиф дар коркарди самтҳои асосии амиқсозии фишангҳои сиёсати минтақавии давлатӣ дар самти КАС, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморию таҳлилӣ дар минтақаи таҳқиқшаванда саҳми худро гузошта, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, вобаста ба он мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст.

3. **Дараҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда.** Муносибат ва равандҳои иқтисодӣ тавсиф мекунанд, ки дар мавриди ташаккул, рушд ва идоракунии фаъолияти комплексҳои агросаноатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва

таъсири онҳо ба болоравии сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ пайдо мегарданд.

Ба сифати заминаи иттилоотӣ тадқиқотӣ монографияҳо ва дастовардҳои олимони ватанию хориҷӣ, маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, маълумотҳои омории ҷамъовардаи муаллиф, маълумотҳои оморӣ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои хоҷагидории вилояти Хатлон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаи танзими бозори истеъмолӣ, сифат ва амнияти мол ва хизматрасонӣ, махсусияти соҳаи кишоварзӣ истифода бурда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асоснокcозии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии хусусиятҳои ташаккулёбӣ ва мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ дар шароити густариши муносибатҳои иқтисодии гуногунҷанба ва пешниҳоди амалии натиҷаҳо оид ба такмилдиҳии онҳо дар сатҳи минтақа зоҳир мегардад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки сиёсати иқтисодии минтақавӣ дар самти мукаммалгардонии сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатӣ аз лиҳози назарявию методологӣ ва илмию амалӣ ошкор гардида, фишангҳои амалигардонии он дар сатҳи минтақа мавриди омӯзиш қарор гирифтанд.

**Амали намудани мақсади дар диссертатсия гузошташуда, вазифаҳои зеринро муайян кардан:**

- омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии равандҳои ташаккул ва рушди ҳамгироии агросаноатӣ дар минтақа баррасӣ гардиданд;
- муайян сохтани хусусиятҳо, омилҳо ва принсипҳои сохторҳои мушаххаси ҳамгироишудаи агросаноатӣ дар сатҳи минтақавӣ ва дар ин асос муайян намудани самаранокии фаъолияти онҳо таҳлил гардидааст;
- таҳлили вазъи муосири сохторҳои ҳамгироишудаи агросаноатӣ дар вилояти Хатлон бо дарназардошти имкониятҳои мавҷуда ошкор сохтани хусусиятҳои рушди соҳа таҳқиқ гардидааст;
- арзёбӣ намудани нишондиҳандаҳои сатҳи рақобатпазирии комплекси агросаноатии минтақавӣ дар вилояти Хатлон баррасӣ ва таҳқиқ гардидааст;
- ошкор сохтани самаранокии фаъолияти комплекси агросаноатӣ ва дар заминаи ин мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ баррасӣ гардидааст;
- механизмҳои мукаммалнамоии танзими давлатии рушди ҳамкориҳо дар доираи сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ таҳқиқ гардидааст;
- коркарди модели сохторӣ-функсионалии низоми идоракунии механизми ҳамгироии агросаноатӣ дар минтақа вобаста ба ҳолат ва нишондиҳандаҳои воқеии соҳа коркард шудааст.

**Алоқамандии мазмуни рисолаи илмӣ бо интихоби ихтисос.** Мавзӯи диссертатсия "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи

агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.03. –** Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои баррасӣ, пешниҳод мегардад.

**Мутобиқати матн ва навгонии рисола ба ихтисоси интихобшуда.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шаҳодатномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад: бандҳои 1.5. Трансформатсияҳои ҳудудӣ-иқтисодӣ; муаммоҳои ташаккулёбии ҳудуди ягонаи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; тафриқабандии минтақавии иҷтимоӣ-иқтисодӣ; ҳамгироии ҳудудӣ ва дезинтегратсияи мамлакат; 1.9. Баҳодиҳии нақши минтақа дар иқтисодиёти миллӣ (нишондодҳо, усулҳо, методологияи таҳлил); махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо; ҷанбаи ҳудудии сохтори иқтисодӣ, қонуниятҳои трансформатсияи он; сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ; 1.19. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо; 1.24. Тараққиёти комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо, хусусиятҳои минтақавӣ ва ҳудудии инкишофи кишоварзӣ.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Мазмуни асосии диссертатсия дар 14 мақолаи илмии муаллиф, дар нашрияҳои гуногун, аз он ҷумла 7 мақола дар нашриёти аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда нашр шудаанд.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗУЪ:

### А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи КОА чоп шудаанд:

**[1-М]** Бобошерзода Н.К. (Кураева Г.К.). Совершенствование управления региональными агропромышленными интегрируемыми структурами в современных экономических условия// Вестник Таджикский национального университета, Душанбе «Сино» 2012, С.81-83.

**[2-М]** Бобошерзода Н.К. (Кураева Г.К.). Совершенствование системы управления региональными агропромышленными интегрируемыми структурами в Республики Таджикистан//Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук – Душанбе: «Сино», 2014, №3. С.46-50.

**[3-М]** Бобошерзода Н.К. (Кураева Г.К.). Некоторые вопросы внедрения производственного предпринимательства в агропромышленном комплексе//Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук – Душанбе: «Сино», 2014, №5. С. 110-114.

**[4-М]** Бобошерзода Н.Қ. (Қураева Г.Қ.). Кишоварзӣ асоси таъмини амнияти озуқаворӣ//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «Сино», 2014, №6. С.292-298.

**[5-М]** Давлатзода К.К., Бобошерзода Н.К. Историко-экономические условия и формирования агропромышленной интеграции в Республики Таджикистан//Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – Душанбе: «Сино», 2020, №2. С.11-16.

**[6-М]** Курбонзода М.Р., Бобошерзода Н.К. Некоторые аспекты методологического формирования интеграционных процессов в агропромышленном комплексе (АПК)//Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – Душанбе: «Сино», 2020, №7. С.43-50.

**[7-М]** Курбонзода М.Р., Бобошерзода Н.Қ. Муаммоҳои рушди равандҳои ҳамгироии соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи минтақа//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «Сино», 2020, №8. С.43-50.

**б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидааст:**

**[8-М]** Бобошерзода Н.Қ. (Қураева Г.Қ.). Идораи марказиятноки сохторҳои минтақавии агросаноатӣ – амри замон//Маводҳои илмӣ-амалии Конференсияи ҷумҳуриявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Масъалаҳои мубрами иқтисод ва менеҷмент дар Тоҷикистони муосир», Душанбе: «Ирфон», 2012, аз 28-29-уми ноябри 2012. С.139-141.

**[9-М]** Бобошерзода Н.Қ., Билолов Н.К. (Қураева Г.Қ.). Самтҳои асосии фаъолгардонию баландбардории самаранокии иқтисоди сармоягузориҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ//Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Мушкилоти таъмини сармоягузории инкишофи инноватсионии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18-19-уми феврали соли 2014, Душанбе. С.146-151.

**[10-М]** Бобошерзода Н.К. (Кураева Г.К.). Агропромышленная интеграция как фактор устойчивого развития экономики региона//Международный научный журнал «Образование и наука в России и за рубежом», 2019, №2 (Vol.50), С. 383-389.

**[11-М]** Бобошерзода Н.К. (Кураева Г.К.), Назарзода А. Теоретические основы анализа финансовой отчётности в внешнеэкономической деятельности//Бобошерзода Н.К. (Кураева Н.К.), Назарзода А. Наука и образование сегодня №10 (45), 2019.//»Наука и образование сегодня». М.: Издательство «Проблемы науки», 2019. С.22-26.

**[12-М]** Бобошерзода Н.Қ. Ташаккулдиҳии сохторҳои ҳамгироишудаи минтақавӣ//Маводҳои илмӣ-амалии Конференсияи ҷумҳуриявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон//Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (2020-2040) ш. Душанбе, 13-18 апрели соли 2020, С. 250-252.

[13-М] Бобошерзода Н.Қ., Раҳматуллоева М.Р. Асосҳои методолигии ҳамгироии сохторҳои агросаноатӣ дар сатҳи минтақавӣ// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт». Донишгоҳи миллии Тоҷикистон // Душанбе 2020// 27.02.2020. С.430-435.

[14-М] Бобошерзода Н.Қ., Иқтисодиёти рақамӣ ва роҳҳои татбиқи он дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Худидоракунии маҳаллӣ: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе: АИДНПҶТ, 2022. С.13-25.

Диссертатсионии Бобошерзода Нозанин Қарақул дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сохторҳои минтақавии ҳамгироишудаи агросаноатӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.03. –** Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

***Интишори натиҷаҳои диссертатсия.*** Муқаррароту натиҷаҳои асосии диссертатсия дар якчанд конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ баромад карда шудааст. Мақолаҳои илмии муаллиф дар солҳои 2012-2022 дар маҷаллаҳои илмии эътирофгардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва конференсияҳои илмӣ-ҷумҳуриявӣ аз чоп баромадаанд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 18 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"-18, "муқобил" – нест, "бетараф" – нест. Суратҷаласаи №4, аз "22" ноябри соли 2022.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои менеҷмент ва маркетин ва иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз "22" ноябри соли 2022 қабул гардидааст.

**Раисикунанда:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Муҳсинов Д.С.

**Котиби ҷаласа**:
муаллими калон кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Авзалов Ҳ.А.

Имзоҳо: Муҳсинов Д.С. ва Авзалов Ҳ.А. тасдиқ мекунам,

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тавқиев Э. Ш.